«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.
аз «29» 01 соли 2026.

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар вақти омода намудани диссертатсия Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос бо дипломи аъло хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2019, №303-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Рисолаи номзадии «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи №4 аз 30-юми ноябри соли 2022) тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабзода Маҳмадёр Носир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мебошад.

Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар вақти муқарраршуда аз ҷониби унвонҷӯ супорида шуда, шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ 27-уми ноябри соли 2025, №105 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Маълумотнома оид ба хатми унвонҷӯйи санаи 25-уми декабри соли 2025, №03/452-04 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (фармоиши ректори Донишгоҳ аз 19-уми декабри соли 2023, №510-05).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқукшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2026, муҳокима гардидааст (суратҷаласаи №6).

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:

1. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; ки аз рӯйи он дараҷаи илмиии номзади илм дода мешавад, пурра мутобиқат мекунад.

2. Алоқамандии мавзуи диссертатсияи Одиназода У.С. ба самтҳои афзалиятноки рушди илми ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои муҳимми такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятие равона гардидааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши робитаҳои иқтисодию ҳуқуқии байналмилалӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунанд. Мавзуи диссертатсия ба омӯзиш ва таҳлили муаммоҳои назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии миллӣ бахшида шуда, бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамгироии ҳуқуқӣ, рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқат мекунад. Дар ин замина, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқӣ мусоидат намоянд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти унвонҷӯ бо он асоснок карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ равобити васеъ ва гуногунҷабҳаро дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ монда, ҳамзамон муносибатҳои хусусӣ ҳуқуқиро бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ пайваста рушд додааст. Дар робита ба ин, як қатор хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусӣ аз ин бармеоянд. Татбиқ гардидани принсипи реҷаи миллӣ нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд имконият дод, ки онҳо ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ эътироф гардида, дар баробари шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои баробар дошта, дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои дахлдорро иҷро намоянд, агар қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд. Татбиқи реҷаи миллӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун иштирокдорони

муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ принсипи асосӣ буда, ба шаҳрвандӣ ва ё ҷойи истиқоматашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иртибот надорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки қонунгузорӣ оид ба танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва мутобиқсозии он бо санадҳои байналмилалӣ тақозои баррасии илмӣ ва ҳалли як қатор масъалаҳо, аз ҷумла, муайян кардани таносуби вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, гурезагон, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии онҳо, ҳолатҳои бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани онҳо, муқаррар намудани ҳуқуқи ба ин муносибатҳои татбиқшаванда ва дигар масъалаҳои назариявӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад. Гузашта аз ин, ҷараёни таҳқиқоти масъалаи мазкур на танҳо таҳлил ва омӯзиши мувофиқати меъёрҳои қонунгузории миллӣ дар ин соҳа бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф намудааст, балки баррасӣ намудани танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳо бо иштироки шахсони воқеӣ бо фарогирии ҳифзи арзиш ва манфиатҳои миллӣ зарур мебошад. Ҳолатҳои зикргардида мубрамияти мавзуи интихобшударо ифода намуда, бозгӯйи саривақтии таҳқиқоти илмӣ буда, дорои аҳаммияти бузурги назариявӣ, илмӣ ва амалӣ мебошад.

Бинобар таклифу пешниҳодҳои муҳаққиқ бо он асоснок карда шудааст, ки қонунгузории кишвар тамоми масоили ҳуқуқии муносибатҳои бавуҷудомадаро бевосита фаро гирифта наметавонад, аз ин рӯ ба такмили қонунгузории кишвар дар самти масъалаҳои танзими ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дори унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, такмил ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши танзими ҳуқуқии шахсони воқеӣ ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва дар маҷмуъ давлат мебошанд.

Одиназода У.С. мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ»-ро бо методҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ илмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳлил намуда, асосҳои назариявӣ ва методолигии муносибатҳоро дар ин самт таҳлил намуда, аҳамияти онҳоро дар инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар муҳим арзёбӣ намудааст. Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи масъалаи мазкур, унвонҷӯ аз нуқтаи назари илмӣ хулосаҳои судманд намуда, дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас ва асоснок пешкаш намудааст.

Мақсади рисолаи илмии Одиназода У.С. пажӯҳиши ҳаматарафаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсиони ба таҳлил ва асоснок кардани хусусиятҳои асосии вазъи шахсони воқеӣ чун субъекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва иштирокдори муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, муайян намудани

мушкилиҳои раванди ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва таҳияи пешниҳодҳои муфид баҳри такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи вазъи ҳуқукии шахсони воқеӣ мебошад.

Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

– омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқукии танзими вазъи ҳуқукии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ;

– баррасӣ намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ;

– таҳлили пурраи қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ;

– муайян ва таҳлили масъалаҳои танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ;

– баррасии танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ;

– омӯзиши масъалаҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ;

– муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ дорои унсури хориҷӣ;

– омӯзиш ва таҳлили вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ;

Муаллиф дар таҳқиқ аз усулҳои умумӣ ва махсус истифода намудааст, ки маъмултарини онҳо усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил, синтез, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-мантикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Навгонии илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои ҳамаҷониба оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро таҳқиқот дар асоси омӯзишу таҳлил ва баррасии санадҳои амаликунандаи меъёрии-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси мадании ҶТ, Кодекси мурофиавии мадании ҶТ, Кодекси меҳнатии ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқукии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ» таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи судӣ, маълумотҳои оморӣ ва ғайра сурат гирифта, як қатор навгониҳои илмии таҳқиқот ҷиҳати такмили муқарраротӣ онҳо равона шудаанд.

3. Илова бар ин, аз ҷониби унвонҷӯ Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд як қатор тавсияҳои амалӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи онҳо дар амалия аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш карор доранд.

4. Теъдоди интишороти нашрнамудаи унвонҷӯ ба мазмуну муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферати диссертатсия мутобиқат мекунад.

5. Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, услуби навишт, масъалагузорӣ ва хулоса ва тавсияҳои амалии таҳқиқот саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқукии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

6. Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақолаҳо дар маҷалаҳои дигар ва 1 воситаи таълимӣ дар ҳаммуаллифӣ нашр шудааст, ки пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Ғаюров Ш.К., Қодиров Н.А., Одинаев У.С. Ҳуқуқи нарм [Матн] / Ш.К. Ғаюров, Н.А. Қодиров, У.С. Одинаев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №3 (35). – С. 22-28; ISSN 2307-5198.

[2-М]. Одинаев У.С. Масоили қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ [Матн] / У.С. Одинаев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №4 (36). – С. 190-195; ISSN 2414-9217.

[3-М]. Одинаев У.С., Раҷабзода М.Н. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масоили вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ [Матн] / У.С. Одинаев, М.Н. Раҷабзода // Қонунгузори. – 2024. – №4 (56). – С. 176-180; ISSN 2410-2903.

[4-М]. Одинаев У.С. Вазъи маданӣ-мурофиавии шахси воқеии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Одинаев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1 (37). – С. 245-252; ISSN 2414-9217.

[5-М]. Одинаев У.С. Масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии бастан ва бекор кардани акди никоҳ [Матн] / У.С. Одинаев // Қонунгузори. – 2025. – №3 (59). – С. 81-88; ISSN 2410-2903.

[6-М]. Одиназода У.С. Масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ [Матн] / У.С. Одиназода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №4 (40). – С. 128-137; ISSN 2414-9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Одинаев У.С. Механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон (дар мисоли фаъолияти ЮНЕСКО) [Матн] / У.С. Одинаев // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 387-391.

**[8-М].** Одинаев У.С. Баъзе масъалаҳои бастан ва бекор кардани акди никоҳ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ [Матн] / У.С. Одинаев // Маҷмуи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи маҷмааи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия» (24-уми октиябри соли 2025, ш. Душанбе) / Муҳаррирони масъул Мирзозода П.З., Давлатмандзода Э.Д. – Душанбе, 2025. – С. 156-164.

**[9-М].** Саломов И.И., Одиназода, У.С. Баъзе мушкилоти танзими масъалаи бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусусии фаромиллӣ [Матн] / И.И. Саломов, У.С. Одиназода // Маҷмуи маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявии бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» (5-уми декабри соли 2025, ДМТ). – Душанбе: Моҳи Мунир, 2025. – С. 392-403.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 24 январи соли 2026, №6 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамаги 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раис:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодиров Н.А.

**Котиб:** лабаранти кафедра Одинаева З.Ҷ.

**Имзои Н.А. Қодиров ва З.Ҷ. Одинаева-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.
«24» 01 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj